# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) аз 13- уми июни соли 2026 суратмаҷлиси № 1 дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. **Раҷабов Т.Б.** – узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика (таҳсилоти касбӣ) – раиси комиссия;
2. **Шамсудинов Ф.М.** – узви шуро, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика (таҳсилоти касбӣ) – аъзои комиссия;
3. **Шарифӣ Қ.Б.** – номзади илмҳои педагогӣ, аз руйи ихтисоси 13.00.08.03 - Назария ва методикаи фанҳои математикӣ (таҳсилоти касбӣ) – аъзои комиссия.

Комиссия, пас аз омӯзиши амиқи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзораҳимзода М.Ҳ., онро ҳамчун як кори мустақилонаи илмӣ – тахассусии ба итмомрасонида баҳо дода, зикр менамояд, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти рушду густариши илмҳои дақиқи ва риёзӣ мутобиқ мебошад.

Воқеан, рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бархурди талаботи замон аст. Ин иқдом омӯзгоронро водор менамояд, ки бештар таваҷҷуҳи худро нисбат ба омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ равона

созанд. Омӯхтани фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ, ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат, ки иҷрои ин ҳадаф албатта мутахассиси варзида ва ҷавобгӯи талаботи муосирро тақозо мекунад, амри зарурӣ мебошад.

Эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» низ ба омӯзгорону мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ илҳоми тоза бахшид.

Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои қобилияти тафаккури шахс ин дониши мантиқӣ мебошад, яъне ҳадди аққал, маҳорат ва донишҳои мантиқӣ дар ҳама гуна фаъолияти зеҳнӣ дошта бошанд. Дар ҳама гуна фаъолият, қобилияти мулоҳизаи мантиқӣ кардан барои инсон ба маврид аст, зеро онҳо дар ҳалли мушкилот, роҳи халос шудан аз ҳолатҳои душвор кумак мекунанд.

Инкишофи қобилияти оқилонаи фикрронии мантиқӣ, махсусан дар пайваста мулоҳиза кардан мебошад. Ҳамаи ин қобилиятҳо, ҳангоми омӯзиши эҷодии математикӣ бо роҳи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ташаккул мeёбанд. Маҳз дар роҳи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ки дониши амиқ ва тафаккури математикӣ талаб менамояд, метавонад дар донишҷӯёни курсҳои поёнӣ унсурҳои тафаккури матемакикии эҷодиро дар якҷоягӣ бо татбиқи ҳадафҳои таълими математика ташаккул диханд.

Тибқи ин нишондодҳо коркарди методикаи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ки ба баланд бардоштани завқи донишҷӯён ба фанни математика мусоидат мекунад, аҳамияти илмию методӣ дорад. Аз ин лиҳоз, коркарди методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён, ки то ҳол дар ҷумҳурӣ таҳлили комили худро наёфтааст, мубрам мебошад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мувофиқ буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ ва таҷрибавӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

**Мазмун ва муҳтавои диссертатсия** ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи илмии** ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои

табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 21 **интишороти муаллиф** инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 1 адад дастури методӣ, 5 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ва 15 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалӣ ба нашр расида мебошанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи унвонҷӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ буда, **мазмуну муҳтавои** таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди 35-и** Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:**

– асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши масъалаҳои ғайристандартӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян гардидаанд.

– таъсири мазмуни маводи таълимии математикаи мактабӣ бо истифода аз масъалаҳои ғайристандартӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳадафи баланд бардоштани сифати таълим ва афзун намудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши математика мебошад.

– таҷрибаҳои амалӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар ҷараёни таълими фанни математикаи мактабӣ коркард ва бо натиҷаҳои мусбат тасдиқ шудаанд.

– натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён дар раванди татбиқи масъалаҳои ғайристандартӣ аз математикаи мактабӣ ҳангоми омӯзиши ин фан таҳлил гардида, самаранокии он муайян шудааст.

– дастурамали умумии методикаи таълими ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ донишҷӯёни **муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ** пешниҳод карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**: бо истифодаи усулҳои методологӣ ва назариявӣ; истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам алоқаманди таҳқиқоти илмӣ, ки ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда ҷавобгӯянд; мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ, басанда будани сарчашмаҳои истифодашуда; мустанадии усулҳои озмоишии истифодашуда ва маълумотҳои дар рафти таҳқиқоти озмоишӣ ҳосилшуда; такя ба таҳқиқоти бунёдӣ дар педагогика, психология, методикаи таълими математика, ҳамчунин гузаронидани озмоиши педагогӣ бо ёрии усулҳои маълуми математикӣ-оморӣ ва коркарди натиҷаҳои он таъмин карда мешавад.

Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки коркарди методикаи ҳалли масъалаҳои ғайристандартиро, ки ба баланд бардоштани завқи донишҷуён ба фанни математика мусоидат мекунад, дар бар мегирад. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии методикаи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бахшида шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

## Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбойро дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57 – 60-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд: **Абдукаримов Махмадсалим Файзуллоевич**, доктори илмҳои физикю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Махкамов Мамадҷон** – номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавист (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Раҷабов Т.Б.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор Шамсудинов Ф.М.

номзади илмҳои педагогӣ Шарифӣ Қ.Б.

*Имзоҳои д.и.п., профессор Раҷабов Т.Б., д.и.ф-м., профессор Шамсудинов Ф.М., н.и.п. Шарифӣ Қ.Б. - ро тасдиқ менамоям:*

СардориШК ва КМ-и
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.